# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи “Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ”- и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик пешниҳод гардидааст.**

Шарҳу маърифати осори адабӣ, махсусан назму насри асримиёнагӣ, яке аз масоили мубрами адабиётшиносии муосир ба ҳисоб меравад. Ба таҳқиқи шарҳнависӣ ва доираи масъалаҳои марбут ба он, амсоли заминаҳои пайдоиши шарҳнависӣ, ҷараёни маърифати асари адабӣ ва тамоюлоти он, сарчашма ва пайдоиши илми герменевтика дар кишварҳои Аврупо ва Шарқ дар таърихи адабиётшиносии навини тоҷик донишманди маъруф, профессор Абдуманнон Насриддинов ба таври низомманд иқдом варзида, дар ин замина мақолаю китобҳои зиёд таълиф карда, инчунин, шогирдонеро ҳам дар ин самти адабпажӯҳӣ тарбият кардааст, ки Султонзода Тоҷибой Султонӣ аз ҷумлаи онҳост. Шарҳнависиро донишманди мазкур дар пажӯҳиши худ бо номи «Шарҳнависӣ дар таърихи адаби форс-тоҷик» ба унвони як самти густардаи илми филологияи муосир ба доираи таҳқиқ кашида, дар замина оид ба самтҳои асосии пажӯҳиш ҳам изҳори назар кардааст. Аз ҷумла, яке аз самтҳои пажӯҳиш дар шарҳнависӣ омӯзиши шарҳҳои мутааддиде мебошад, ки бар мабнои ин ё он асари мушаххаси адабӣ ба миён омадаанд, ба мисли шарҳҳое, ки дар дарозои таърих бар “Маснавии маънавӣ”- и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ навишта шудаанд.

Дар таърихи адабиёти тоҷикӣ камтар асаре чун “Маснавии маънавӣ” аз назари шарҳу тавзеҳ мавриди омӯзиши маърифатгарон қарор гирифтааст. Зеро ин асари беназир бо мавзӯю муҳтаво, маънову мундариҷа, фалсафа ва мантиқ, ки аз назари арзиши илмиву адабиаш онро “Қуръон бо забони паҳлавӣ” меҳонанд, дар миёни осори адабии адабиёти қуруни вусто ҷойгоҳи хоссаро дорост ва махзани бепоёни маъниро мемонад. Ин аст, ки маҳз шарҳҳои адабии суханварони асримиёнагии адабиёти тоҷику форс имкон фароҳам меорад, ки хонанда дар шинохти матлаб, маънӣ, мазмун ва мазмунҳои фалсафии “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ хубтар роҳ ёбад.

Дар диссертатсияи Султонзода Тоҷибой Султонӣ “Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ”, ки аз муқаддима, чаҳор боб, ҳаждаҳ фасл, хулоса ва китобнома иборат аст, дар заминаи шарҳи “Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор”-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ, ки аз нахустин шарҳҳои “Маснавии

маънавӣ” маҳсуб мегардад, як қатор шарҳномаҳо мавриди таҳлилу баррасии ҳаматарафа қарор гирифтаанд.

Аҳамияти мавзӯи таҳқиқшаванда дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсия дар шинохт ва инъикоси арзишҳои илмӣ, адабӣ ва филологии шарҳҳои пурарзиши адабиёти асримиёнагии тоҷику форс, бахусус шарҳҳои “Маснавии маънавӣ”, муфид мебошад. Чунонки, муаллифи диссертатсия таъкид мекунад, шарҳи “Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор” дар адабиётшиносии тоҷик то иқдоми шоистаи ӯ мавриди омӯзиши дақиқ ва густурда қарор нагирифта ва арзиши филологии он низ муқаррар нагардида буд. Аз ин рӯ, диссертатсияи докторӣи Тоҷибой Султонзода дар мавриди муаррифии яке аз қадимитарин шарҳҳои “Маснавии маънавӣ” таҳқиқоти аввалин маҳсуб мешавад, ки онро метавон ҳамчун маҳсули ҷустуҷӯйҳои тӯлонӣ ва пурсамари муаллиф арзёбӣ намуд.

Сарчашмаи меҳварии диссертатсияро як қатор нусхаҳои хаттию чопии шарҳҳои маъруфи «Маснавии маънавӣ» ташкил додааст, ки қидмати таърихии онҳо ба арзиши аслии кор дучанд меафзояд. Гузашта аз ин, муҳаққиқ бо осори илмию адабии олимони ватанию хориҷӣ аз наздик ошно шуда, аз усули таҳқиқ ва бозёфти илмии онҳо суди фаровон бардоштааст. Тоҷибой Султонзода оид ба шарҳҳои “Маснавии маънавӣ” ва дараҷаи омӯзиши онҳо дар доираҳои гуногуни адабӣ ва илмӣ маълумоти муфассалеро ба қалам меорад, ки манзараи умумии таҳқиқоти осори Мавлоно ва шарҳҳои маъруфи онро пеши назар ҷилва мекунад. Диссертант дар кори худ ҳадафи таҳқиқоташро, аз як тараф, агар дар муаррифии шарҳи “Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор”-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ арзёбӣ намояд, аз ҷониби дигар, ироаи арзиш ва вижагиҳо, таъсиру нуфуз ва ҷойгоҳи онро дар ташаккули шарҳнигорӣ бар “Маснавӣ” вазифаи меҳварии худ қарор додааст.

Боби якуми диссертатсия, ки “Сайри таърихии шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ” ном дорад, аз се фасл иборат аст. Муҳаққиқ ба таърихи таҳаввули шарҳнависӣ бар “Маснавӣ” руҷӯъ намуда, дар фасли аввал оид ба нахустин шореҳони “Маснавӣ” маълумот медиҳад. Дар ин самт пажӯҳиши Тоҷибой Султонзода бо шеваи хосси илмӣ сурат гирифта, мавсуф андешаҳои худро оид ба маърифати “Маснавӣ” ва дар баробари ин, муносибати Мавлоноро нисбат ба ин масъала бо мисолҳои муътамад баён месозад. Муаллиф ба хулосаҳои дурусти илмии аввалин шореҳи “Маснавӣ” будани Мавлоно, сарчашмаи шарҳи мушкилоти “Маснавӣ” будани абёти дигари худи ин шоҳасари ирфонӣ, аз сарчашмаҳои муътамади шарҳи “Маснавӣ” будани рисолаи Фаредуни Сипаҳсолор ва “Маноқиб-ул-орифин”-и Аҳмади Афлокӣ ва ғайра мерасад, ки ниҳоят ҷолиб ва бебаҳс мебошад.

Фасли дувуми боби аввали диссертатсия, ки "Оғози шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ» дар Мовароуннаҳру Хуросон" унвон дорад, низ аз назари маводи таҳқиқ, усули таҳқиқ ва хулосаҳои илмӣ сухани тоза дар мавриди омӯзиши таърихи шарҳнависӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон аст. Муаллиф дар ин фасл оид ба шарҳҳои «Кунуз-ул-ҳақоиқ» ва «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ, шарҳи абёти найномаи Яъқуби Чархӣ ва Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ маълумот медиҳад. Дар фасли сеюм шарҳҳоро муаллиф аз назари забон, ҳаҷму муҳтаво ва анвоъ дастабандӣ менамояд. Муаллифи диссертатсия нахуст шарҳҳоро аз назари забон тавсиф намуда, шарҳҳои форсӣ, туркӣ, арабӣ, инглисӣ ва олмонӣ, ҳиндиро дар алоҳидагӣ дар асоси санадҳо муаррифӣ мекунад. Дар навбати дигар, махсусияти шарҳномаҳоро дар ин ё он забон зикр намуда, баъзе аз маълумоти ҷолиброт баён месозад.

Дар боби дувуми диссертатсия, ки «Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва накду таҳлили «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и ӯ» унвон дошта, аз ҳафт фасл ва чор зерфасл иборат аст, Тоҷибой Султонзода дар бораи рӯзгору осори Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ, фаъолияти шоирии ӯ, муаррифии нусхаҳо ва сабаби таълифи шарҳи Хоразмӣ, баррасии мақолоти даҳгонаи шарҳи Хоразмӣ, иртиботи мақолоти даҳгонаи шарҳ бо «Маснавии маънавӣ», равишҳои шарҳи "Маснавӣ" дар "Ҷавоҳир-ул-асрор", сарчашмаҳои шарҳи "Ҷавоҳир-ул-асрор" ва ғайра изҳори назар мекунад. Муҳаққиқ дар суханшиносии муосир бори аввал ҳаёт ва фаъолияти Камолуддин Ҳусайни Хоразмиро ба риштаи таҳқиқ кашида, аз арзиши баланди осори ин адиби соҳибистеъдод иттилоъ медиҳад. Дар баробари ин, паҳлӯҳои мухталифи эҷодиёти Хоразмиро таҳқиқ карда, доир ба ҳар як самти он ба хулосаҳои дақиқи илмӣ мерасад. Чунончи, дар мавриди каломи адиб менависад: «Дар каломи Хоразмӣ гоҳ партави каломи мансури Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, гоҳ латофату зебоӣ ва равонии «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ, гоҳ таъсири каломи мушкилу душворсабки Ибни Арабӣ ва гоҳ таъсири осори мансури сӯфия, аз ҷумла «Табақот-ус-сӯфия»-и Абӯабдурраҳмони Сулламӣ, «ал-Лумаъ фӣ-т-тасаввуф»-и Абӯнасри Сарроҷ, «Рисолаи Қушайрия»-и Абдулқосими Қушайрӣ, «ат-Таъарруф»-и Калободӣ, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Усмони Ҳуҷвирӣ, «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттор, «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддини Розӣ, «Эҳё-ул-улум»-и Имом Ғаззолӣ ва ғ. эҳсос мегардад" (Диссертатсия, саҳ.143). Ин нуқтаи назари муаллиф аз он шаҳодат медиҳад, ки Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ аз суханварон ва суханшиносони муқаррарӣ набуда, дар таърихи суханшиносии форсу тоҷик дар баробари мақому манзалати шоистаро молик будан, барои пешрафти минбаъдаи илми филологияи асримиёнагии форсу тоҷик таъсири назаррас гузоштааст. Шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-ӯ беҳтарин

намунаи шарҳҳо ҳам аз лиҳози қадимӣ будан, ҳам аз лиҳози усулу сабки тасниф, ҳам аз назари забон ва ҳам аз дидгоҳи фарогирии мавод мебошад. Пайдост, ки Тоҷибой Султонзода барои муқаррар кардани арзиши воқеии илмии асар бо теъдоди фаровони сарчашмаҳои адабиву илмӣ ошно гашта, баъзе аз манобеъ ва маъхазҳоро бо «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» мавриди муқоисаву муқобала қарор додааст. Чунончи, баъди пажӯҳиш ва муқоисаи «Рисолаи Сипаҳсолор» бо муқаддимаи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки Хоразмӣ аз рисолаи фавқ бардоштҳои фаровон кардааст. Ин шеваи таҳқиқ имкон фароҳам овардааст, ки як қатор маълумотҳои тоза дар бораи зиндагиномаи Шамсуддини Табрезӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Баҳоуддин Валад, фақеҳону донишмандони Балх, Фахри Розӣ, Алоуддини Кайқубод, Наҷмуддини Кубро ба даст ояд.

Дар боби севуми диссертатсия, ки “Шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ» дар Шибҳи қораи Ҳинд” унвон дорад, баррасии як қатор шарҳномаҳое, ки дар мактаби шарҳнигории Ҳинд ба вуҷуд омадаанд, аз ҷумла шарҳи “Мукошифоти разавӣ”-и Муҳаммадризои Лоҳурӣ, “Асрор-ул-ғуюб”-и Хоҷа Айюби Порсо ва “Махзан-ул-асрор”-и Валимуҳаммади Акбарободӣ мавриди таҳлилу натиҷагирӣ қарор дода шудааст.

Шарҳҳои мазкур низ бори аввал аз ҷониби диссертант ба доираи таҳқиқ кашида шуда, арзиши илмиву адабии онҳо муқаррар мегардад. Махсусан, масъалаи мақому манзалати Мавлоно ва сабабҳои густариши афкору фалсафаи ӯ дар сарзамини Ҳинд дар ҷодаи мавлавишиносӣ сухани тозаро эҳдо менамояд. Муҳаққиқ таъсир ва нуфузи Мавлоноро дар Шибҳи қораи Ҳинд дар чор маврид мушоҳида мекунад, ки инҳо аз нуфузи Мавлоно ва осори ӯ байни форсизабонони Ҳиндустон, тарҷумаи ашъори шоир ба забонҳои гуногуни ин кишвар, тарҷума, тафсир ва тахлиси “Маснавиии маънавӣ” ба забонҳои ҳиндӣ ва шарҳнависӣ бар “Маснавиии маънавӣ” мебошад.

Дар идома диссертант дар фаслҳои ҷудогона оид ба фаъолияти шарҳнигории Шайх Абдулатифи Аббосӣ, муаллифи шарҳи “Латоиф-ул-маънавӣ мин ҳадоиқ-ил-маснавӣ”, ки дар ин асар бештар оёту аҳодис ва калимоти арабии “Маснавӣ” ташреҳ шудаанд, шарҳи «Мукошифоти разавӣ»-и Муҳаммаризои Лоҳурӣ, ки дар он асосан ташреҳи калимаӣ, зикри маънои луғавӣ, асли баромади калима, баёни маънои аслӣ ва маҷозии калима, калимоти ҳамммаъно ва муқобилмаънои он ба назар мерасад, “Асрор-ул-ғуюб”-и Хоҷа Айюби Порсо, ки дар он абёти душвор ва мушкилоти «Маснавӣ» тавзеҳ ёфтааст, «Махзан-ул-асрор»-и Валимуҳаммади Акбарободӣ, ки шарҳаш бештар дар заминаи тавзеҳи калима ва истилоҳот сурат гирифтааст, изҳори назар менамояд. Хулосаҳои диссертант дар охири фаслҳо ва боби мазкур хеле муҳаққиқона ва мӯшикофона ҷамъбаст гардидаанд.

Маълумотҳои илмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти диссертант барои таҳқиқи жарфои минбаъдаи ин асарҳо имконияти фарохеро фароҳам меорад.

Дар боби чоруми диссертатсия, ки “Шарҳҳои “Маснавӣ” дар Осиёи Сағир” номгузорӣ шудааст, сухан дар бораи мактаби шарҳнигории туркӣ бар «Маснавии маънавӣ» меравад, ки тибқи маълумоти диссертант, он аз садаи XV оғоз ва дар садаи XVI густариш ёфтааст. Аз ҷумла, дар мавриди мактаби шарҳнигории туркӣ иттилооти бештареро ба қалам дода, қайд менамояд, ки яке аз махсусиятҳои мактаби шарҳнигории туркӣ талхис ва шарҳу тафсири “Маснавии маънавӣ” мебошад. Дар ин боб диссертант дар бораи “Ҷазираи маснавӣ”-и Юсуфи Синачок, “Гулшани тавҳид” – шарҳи манзуми “Маснавии маънавӣ” маълумоти фаровонеро пешорӯи хонанда қарор медиҳад ва ба хулосаи дурусти илмӣ меояд, ки “таваҷҷуҳи рӯзафзуни туркҳо ба ашъори Мавлоно шореҳони туркро бар он дошт, ки “Маснавӣ”-ро бад-он забон низ тарҷума ва шарҳ кунанд” (Диссертатсия, саҳ. 333). Муҳаққиқ дар идома оид ба баъзе хусусиятҳои фарққунандаи шарҳҳое, ки дар сарзамини Осиёи Сағир таълиф гардидаанд, маълумот додааст.

Ҳамин тариқ, диссертант масъалаи суннатҳои шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва саҳми Камолуддин Ҳусайни Хоразмиро дар шарҳи китоби мазкур ба тариқи монографӣ таҳқиқ карда, силсилаи фаровони осори адабиро, ки ба шарҳи асари мазкур бахшида шудаанд, ба риштаи таҳқиқ кашида, арзиши онҳоро муайян намуда, ба шурӯҳоти мавҷуд баҳои сазовор дода, ба ин восита роҳи фарохеро дар пажӯҳишоти минбаъдаи шарҳшиносӣ бар “Маснавии маънавӣ” боз кардааст. Бо итминон метавон гуфт, диссертатсияи Тоҷибой Султонзода дар инкишофи мактаби шарҳшиносии тоҷик нақши бориз дошта, дурнамои минбаъдаи рушди шарҳшиносии “Маснавии маънавӣ”-ро муқаррар менамояд.

Тоҷибой Султонзода хулосаҳои илмии худро дар 32 банд ба қалам оварда, оид ба натиҷаҳои баррасӣ ва ҷустуҷӯйҳои илмии худ дар ҳамаи фаслҳо ва бобҳои асараш бардоштҳои саҳеҳи назарӣ ироа менамояд.

Адабиёти истифодашуда аз рӯйи миқдор ва тартиби ҷобаҷогузорӣ ва ҳаҷми диссертатсия мувофиқ ба меъёри талаботи корҳои диссертатсионӣ мебошад.

Таҳқиқи анҷомдодаи Т. Султонзода доманаи хеле фарох дорад, аз ин рӯ, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри чанде аз онҳоро барои беҳтар гардидани сифати кори муаллиф дар таҳқиқотиояндааш зикр менамоем:

1. Муаллиф яке аз ҳадафҳои аслии таҳқиқи худро муайян намудани арзиши шарҳҳое қарор медиҳад, ки дар кишварҳои Туркия, Эрон ва Ҳинд таълиф ёфтаанд (Диссертатсия, саҳ. 11), аммо дар диссертатсия фасли

алоҳидае ба ин мавзӯъ ихтисос дода нашудааст. Ҳарчанд дар хилоли фаслҳои ҷудогона ишораҳое дар ин маврид ба чашм мехуранд.

2. Муаллиф дар диссертатсия баён мекунад, ки: “Корҳои дар заминаи таҳқиқи шарҳҳои “Маснавии маънавӣ” навишташударо метавон ба се даста тақсим намуд:

а) мақолоти алоҳида, ки дар онҳо оид ба шарҳҳои “Маснавӣ” маълумоти муқаддамотӣ дода шудаанд;

б) шарҳнависӣ бар достонҳо ва ҳикоёти алоҳидаи “Маснавӣ”;

в) таҳияи фарҳанги луғоти “Маснавӣ” (Диссертатсия, саҳ. 9).

Аммо, чунонки дида мешавад, ба истиснои дастаи аввал ду дастаи дигар асарҳои таҳқиқӣ набуда, осори таълифие ҳастанд, ки дар заминаи “Маснавӣ” нигошта шудаанд.

3. Унвони бархе фаслҳои диссертатсия аз нигоҳи илмӣ бознигарӣ мехоҳанд, ба монанди “Камолуддини Хоразмӣ – шоири мумтоз” (саҳ. 63), “Пайвандҳои рӯҳонии Мавлоно бо Ҳинд”(саҳ.183), “Гулшани тавҳид” – шарҳи манзуми “Маснавии маънавӣ”(саҳ. 322).

4. Номи боби чорум ба тарзи “Шарҳҳои “Маснавӣ” дар Осиёи Сағир” оварда шудааст. Хуб мебуд, ки номи асар дар боби мазкур на ба тарзи “Маснавӣ”, балки ба шакли “Маснавии маънавӣ” пурра навишта мешуд.

5. Баъзе калимаҳо бо ду шакли навишт сабт шудаанд: аҳаммият (саҳ.: 11, 16, 39, 44, 71, 93, 99), аҳамият (45, 208), муҳимми (саҳ. 218), муҳими (саҳ.: 109, 152). Ҳамчунин, бархе калимаҳо, аз қабили шуҳрат, муътабар, ухда, орзу ва монанди инҳо бо ӯ-и дароз навишта шудаанд. Дар матни диссертатсия бархе калимаву ибораҳои нодурусте, ба мисли “аз беҳтарин шарҳи” (саҳ. 6), “фарорӯдӣ” (саҳ. 8), “аввалин шарҳи «Маснавии маънавӣ»-ро асос гузошт” (саҳ. 62) ва монанди инҳо ба чашм мерасанд.

6. Дар диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дар зикри номи касон ва китобҳо ба чашм мерасанд, ба мисли чунин маворид: Наҷмиддини Кубро – Наҷмуддини Кубро, “Ат-таъарруф” – “Таъарруф”, Нишопурӣ – Нишобурӣ, Шамсиддин – Шамсуддин, “Асрор-ул-ғуюб” – “Асрор-ул-ғиюб” ва ғайра.

7. Дар автореферат (ба забони русӣ) низ баъзе ғалатҳо дида мешаванд. Аз ҷумла, дар бандҳои [8-А] ва [9-А]-и «Китобнома» номи шореҳ ба шаклҳои «Камаладдин» ва «Камоляддин» оварда шудааст

Албатта, ин камбудию норасоиҳо ҷузъианд ва ҳусни диссертатсияи Султонзода Тоҷибой Султониро коста намегардонанд.

Бо таҳқиқ ва таҳлили мавзӯи мазкур муҳаққиқ ба яке аз масоили хеле муҳимми маърифати адабиёт – шарҳшиносии «Маснавии маънавӣ» таҳқиқоти мукаммали илмиеро ба анҷом расонидааст, ки маводи илмии назариявию

амалии таҳқиқгардидаи он барои шинохти рамзҳои ин асари ирфонӣ мусоидат менамояд.

Мақолаҳои илмии доир ба мавзӯъ таълифнамудаи муаллифи диссертатсия, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, фарогири мазмуни асосии диссертатсияи мазкур мебошанд.

Автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва хулосаи мухтасари диссертатсия (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) ба талаботи мавҷуда ва роиҷи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, мазмун ва муҳтавои асосии таҳқиқро пурра инъикос кардааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи "Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии пурра ба анҷомрасида буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мебошад.

Мудири кафедраи таърихи
адабиёти тоҷики ДМТ, доктори илмҳои
филологӣ, профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17.
Тел.: +992 372 21 7711
E-mail:tgnu@mail.tj
http://www.tnu.tj

Имзои М. Нарзиқулро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.